**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти унвони “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқи хусусиятҳои забонии осори алоҳида барои муайян намудани ҳолати забон дар марҳилаҳои гуногун хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро дар асоси маводи забонии осори ҷудогона дарки масъалаҳои забон бисёр мувофиқ аст. Маҳз ба ҳамин хотир дар забоншиносии тоҷик ибтидо аз солҳои 60-уми қарни гузашта муҳаққиқон ба таҳқиқи хусусиятҳои забонии осори гуногунжанр оғоз намуданд.

Пажӯҳиши хусусиятҳои морфологӣ аз он ҷиҳат судманд аст, ки ба ин восита метавон оид ба хусусиятҳои дастурии забон маълумоти дақиқ пайдо кард. Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқи хусусиятҳои сарфии яке аз асарҳои арзишманди таърихии садаҳои XIII-XIV “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадониро фаро гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима оид ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифа ва навгониҳои диссертатсия, методҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот сухан рафтааст. Боби якуми диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номӣ” унвон гирифта, дар он хусусиятҳои морфологии исм, сифат, шумора ва ҷонишин таҳлилу баррасӣ гардида, мавқеи истеъмоли онҳо муайян шудааст. Аз натиҷагириҳои муҳаққиқ маълум мешавад, ки асари мавриди назар бо хусусиятҳои хоси дастурияш аз осори дигари мансур фарқ мекунад. Дар ин қисмати диссертатсия оид ба категорияҳои морфологии муайяниву номуайянӣ, шумора сухан меравад. Муҳаққиқ бо далелҳои мушаххас бартарияти роҳу воситаҳои ифодаи номуайянӣ ва шумораро исбот менамояд. Ҳамчунин дар ҳамин боб оид ба ҷонишинҳо фикру мулоҳизаҳои асоснок пешниҳод гардидааст. Дар бораи мавқеи корбурди ҷонишини шахсии эшон ибрози андеша намуда таъкид мекунад, ки ҷонишини шахсии эшон дар асар ба ғайр аз ифодаи шахси сеюми ҷамъ ҳамчунин барои ифодаи исмҳои ғайришахс низ ба кор рафтааст.

Дар боби дуюм, ки “Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф” ном дорад, диссертант ин ҷо аввал хусусиятҳои сарфии феълро баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ дар ин фасл асосан, ба баррасии шаклҳои феълӣ,

сиға, асосҳои феъл, сохтори феъл, шаклҳои тасрифнашавандаи феъл пардохтааст. Муаллифи рисола дар оғози ин боб фикру ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро роҷеъ ба низоми феъли забони тоҷикӣ оварда, андешаҳои шахсии худро низ баён менамояд.

Боби сеюми диссертатсия "Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар" буда, доир ба хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвари нутқ баҳс менамояд. Баррасии хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар дар "Ҷомеъ-ут-таворих" ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки дар бораи ин гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ хулосаҳои мушаххас барорад.

Аз матни автореферат маълум аст, ки дар диссертатсия маводи хеле зиёд ба таври мукаммал ҷамъоварию табақабандӣ гардидааст. Муҳаққиқ тавонистааст хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих"-ро ба таври дақиқ мавриди баррасӣ қарор дода, ҷойгоҳи асарро дар таҳаввули забони адабии тоҷикӣ муайян нишон диҳад. Дар охир метавон гуфт, ки диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои муайяннамудаи муаллиф пурра мувофиқ аст.

Дар воқеъ, то имрӯз доир ба хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" кори алоҳидаи илмӣ вуҷуд надошт ва диссертатсияи тақризшаванда дар ин соҳа таҳқиқоти нав ба шумор меравад.

Дар хулосаи автореферат мухаққиқ нуктаҳои асосии таҳқиқотро ёдрас шуда, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ баровардааст Аз мазмуну мухтавои кор, феҳристи адабиёти илмӣ аён мегардад, ки унвонҷӯ аз адабиёти илмӣ пурсамар ва эҷодкорона истифода намудааст. Ба ин таҳлили адабиёти илмӣ, ки дар боби аввал дарҷ шудааст, низ гувоҳи ҳол аст. Бо вуҷуди он, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест.

1. Хуб мешуд, муаллифи диссертатсия оид ба хусусиятҳои морфологӣ маълумоти муфассал диҳад.

2. Дар фишурдаи рисола, ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои мавриди назар хусусияти тавсиявӣ дошта, қиммати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур назаррасанд ва муаллифи рисола дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии сарфӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст. Диссертатсияи мавриди назар дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, докторант (PhD) Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов Э.А.

Нишонӣ: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб,
к. С. Сафаров 16. ДДК ба номи
А. Рӯдакӣ. Тел.: (+992)91813-99-68
E-mail: erajjon-1988@mail.ru

Имзои Давлатов Э.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.